# ИҚТИБОС
# АЗ ПРОТОКОЛИ РАЁСАТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*аз 31 марти соли 2022, №* 3 *Душанбе*

*Дар бораи ҳимояи диссертатсияи*
*шахсони мансабдори давлатии*
*ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ*

Мутобиқи банди 25 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270),

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ, ки қаблан бо қарори Раёсати Комиссия додани дараҷаи илмӣ ба онҳо рад карда шудааст, баъди дарёфт намудани розигӣ тибқи муқаррароти Тартиби додани розигӣ ба шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ барои таълиф ва ҳимояи диссертатсия (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2021, №АП-98) метавонананд барои ҳимояи такрорӣ ба шӯроҳои диссертатсионии дахлдор муроҷиат намоянд.
2. Мудирони шуъбаҳои аттестатсионии Комиссия амалисозии қарори мазкурро таъмин намоянд.
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба уҳдаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. гузошта шавад.

Раис Розиқзода А.

И.в.саркотиби илмӣ Маъруфӣ Р.Н.